# ТАҚРИЗИ

**муқarризи расмӣ ба диссертатсияи Шукурзода Фарҳодҷон Манон дар мавзуи «Асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Мавзуъ, мазмун ва натиҷаҳои илмии ҳосилшуда пурра ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ шудааст, мутобиқат доранд. Чунки масъалаи «Асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» яке аз муаммоҳои мубрами ҳуқуқи маданӣ ба ҳисоб меравад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ**. Мақоми хосаро ишғол намудани судҳои ҳакамӣ бо он асоснок карда мешавад, ки ҳимояи суди ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ, нисбат ба дигар шаклҳои ҳимояи судӣ ба низоми воситаҳои маданӣ-ҳуқуқии дахлдор (шартномаи маданӣ-ҳуқуқӣ, сохтори (конструксияи) шахси ҳуқуқӣ ва дигарон) такя менамояд.

Баамалбарории василаҳои ҳуқуқӣ-маданӣ барои ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои иштирокчиёни муносибатҳои мурофиавии маданӣ хислати хусусӣ дошта, яке аз воситаҳои самараноки ҳимоя на фақат дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои субъектони соҳибкорӣ, балки барои сарфаи вақт ва камхарҷии расмиёти танзими баҳсҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад.

Пешрафти фаъолияти тиҷоратӣ, ташаккули қонунгузории мадании Тоҷикистон, ҳамзамон рӯ ба инкишоф ниҳодани қонунгузорӣ оид ба кафолатҳои мадании баррасии ҳакамии баҳсҳои иштирокчиёни мурофиавии судии маданӣ бозгӯйи он мебошад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии самти мазкур ба талаботи муқаррароти байналмилалӣ-ҳуқуқӣ марҳилаи мутобиқатро паси сар намуда истодааст. Ҳолати болозикр гувоҳӣ медиҳад, ки вобаста ба талаботи иштирокчиёни баҳсҳои маданӣ-ҳуқуқӣ, фаъолияти судҳои ҳакамӣ хусусияти доимиро ба худ касб намуда, баррасиҳои судиро дар низоми судии ҳакамӣ зиёд карда истодааст. Раванди мазкур аз динамикаи рушди низоми мурофиавии ҳакамӣ дар Тоҷикистон дарак медиҳад. Албатта, дар ин ҷода нақш ва мавқеи қонунгузории мурофиавии маданӣ ва санадҳои байналмилалии самти мазкур муҳим арзёбӣ карда мешаванд.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки таҷрибаи ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳо мавҷуд будани камбудиҳоро нишон дода, дар ин чорчӯба вобастагии намоён бо воситаҳои маданӣ-ҳуқуқие дида мешавад, ки ба чунин ҳимоя хосияти диспозитивиро мебахшад. Муаммои марказӣ дар ин самт сӯйистифода аз ҳуқуқ ба ҳимояи ҳакамӣ буда, он ҳангоми бастани созишномаи ҳакамӣ аз рӯйи шартномаи

ҳамроҳшавӣ мушоҳида мегардад, бо бастани чунин созишнома мақсади танзими баҳси маданӣ-ҳуқуқӣ пайгирӣ нашуда, танҳо барои кашолкорӣ дар музокираи мунокишаи ҳуқуқӣ, ташкили судҳои ҳакамии доимоамалкунандаи «қалбакӣ» ва ғайра мушоҳида мешавад. Ҳамин тавр, таҳқиқоти диссертатсионии пешниҳоднамудаи Шукурзода Фарҳодҷон Манон ба ҳалли проблемаҳои зикргардида равона гардида, мубрамияти хеле баланд дорад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд**. Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар илми ҳуқуқи маданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқот қарор дода шуданд. Моддаи 10 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.12.2022 КМ ҶТ ҳимояи ҳуқуқҳои мадании вайронгардида, ё мавриди баҳс карордоштаро суд, суди иқтисодӣ, суди ҳакамӣ ё арбитраж тибқи тобеияти идоравии парвандаҳо, ки дар қонунгузории мурофиавӣ муқаррар гардидааст, амалӣ менамоянд.

Таъмини фаъолияти озоди иқтисодӣ ва рушди муносибатҳои бозорӣ, дар навбати худ, миёни шаҳрвандон, ташкилоту созмонҳои онҳо ва сохтору мақомот баҳсҳоро ба вуҷуд меоварад, ки ҳалли қонунӣ, адолатнок ва саривақтии онҳо хеле муҳим мебошад.

Таъмин намудани дастрасӣ ба адолати судӣ ва иттилоот оид ба фаъолияти судҳо, муҳокимаи ошкоро ва одилонаи судӣ ба таҳкими қонуният, пешгирӣ кардани содиршавии ҷиноят, эҳтиром ба қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат менамояд».

Ба ҳимоя нуктаҳои зерин пешниҳод гардидаанд, ки навгонӣ, асоснокӣ ва эътимоднокии таҳқиқотро нишон медиҳанд, аз ҷумла:

1. Ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ дар низоми татбиқгардии воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ва мурофиавии ҳуқуқӣ таҷассум ёфтааст. Баробари ин, дар асоси воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ маҷмуи масъалаҳои зерин, ки бо таъмини ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии маданӣ алоқамананд, ҳалли хешро ёфтаанд: мақсадҳои хислати ташкилиро доробуда, ба монанди ташкил намудани судҳои ҳакамӣ, ҳадафҳои дигари хислати ташкилидошта, ҳадафҳои амаликунандаи ҳуқуқҳои субъективӣ ва монанди инҳоро фарогир мебошанд (вобаста ба муносибатҳое, ки ҳуқуқи маданӣ танзим менамояд, реҷаи ҳуқуқии мухторияти ирода, ҷудо намудани амвол ва масъулияти алоҳида ва мустақили молу мулкии субъектони муносибат пешбинӣ мегардад).

2. Қайд шудааст, ки воситаҳои ҳуқуқӣ ва маҷмуи меъёрҳои маданӣ - ҳуқуқии ин воситаҳоро дарбаргирифта, ба ҳамдигар таъсири мутақобила мерасонанд. Бо истифода аз меъёри ҳуқуқӣ, ченаки воситаи маданӣ ҳуқуқии дахлдор муайян карда мешавад, аз қабили намуди воситаи ҳуқуқӣ ва ҳадафи татбиқнамоии вай; ҳайати ашхоси ин воситаҳои ҳуқуқиро истифодабаранда; тарзу усули истифодабарии воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ. Аз тарафи дигар бошад, воситаҳои ҳуқуқӣ ҳамчун хусусияти таъсиррасонӣ ба меъёри ҳуқуқӣ баромад мекунад. Бинобар

зарурати ҳатмии истифодашавии воситаи ҳуқуқӣ, он ба мақсади бахшидани мувозинат ба муомилоти маданӣ истифода мешавад, аз ҷумла ҳангоми ҷавобгарии маданӣ - ҳуқуқӣ, меъёрҳои маданӣ - ҳуқуқии дахлдор низ хосияти ҳатмигиро пайдо мекунад. Дар ин маврид агар қонунгузор ва таҷрибаи татбиқнамоии меъёр хусусияти диспозитивиро вобаста ба татбиқи воситаҳои маданӣ - ҳуқуқӣ иҷозат диҳад, меъёрҳои дахлдор хосияти диспозитивӣ пайдо мекунанд.

3. Асоснок карда шудааст, ки созишномаи ҳакамӣ ҳамчун шартномаи хусусияти ташкилӣ баҳогузорӣ гардида, тибқи он иштирокчиён ва хосатан шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ нисбат ба ҳадафи пешгузоштаи ҳуқуқӣ-маданӣ дар асос ва талаботи қонунгузории амалкунанда дар ҷодаи фаъолияти судҳои ҳакамӣ, алалхусус муқаррароти Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» аз 5.01.2008, №344 муайяншуда амал менамоянд.

Асоснок карда мешавад, ки ба расмият даровардани созишномаи ҳакамӣ бо воситаи ба имзорасонии он, танҳо бо амали воситаи маданӣ-ҳуқуқӣ вобаста буда, иҷрои минбаъдаи он бо амалигардонии ду намуди воситаҳои ҳуқуқии бо ҳам алоқаманд – воситаҳои маданӣ - ҳуқуқӣ ва мурофиавӣ - ҳуқуқӣ асоснок карда мешавад.

4. Хулоса карда мешавад, ки дар ҷараёни беэътибор ҳисобидани аҳд бо дарназардошти баинобатгирии талаботи қонунгузории маданӣ-ҳуқуқӣ оқибатҳои хислати мурофиавии судидошта ба амал омаданашон аз эҳтимол дур нест. Ҳолати мазкурро дар шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ, алалхусус шартномаи пешакӣ, созиши хусусияти ҳакамидошта ва монанди инҳо мушоҳида кардан имконпазир мебошад. Ҳолатҳои болозикр метавонанд дар амалишавии мақсадҳои шартномаҳои болозикр таъсири тағйирдиҳандаи худро расонида, дар як вақт барои иҷро нагардидани мутобиқсозии қолабии талаботи муқарророти қонунгузорӣ оварда расонанд. Ҳолати махкур бозгӯйи он мебошад, ки шартномаи зикршуда хислати иҷронашавандагиро касб менамоянд. Масоили мазкур дар доираи таҳқиқот бо сабки илмӣ ба риштаи таҳлил кашида шудааст.

Дараҷаи навгонии диссертатсия дар таҳияи консепсияи илмии воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ҳамчун равиши дар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ таҷассум ёфта ва бо ёрии ташкили маҷмуи амалҳои аҳаммияти ҳуқуқӣ ва воқеидошта ва дар натиҷа таҳқиқи асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад. Нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба рушди доктринаи ҳуқуқи маданӣ, такмили амалияи судӣ ва мутобиқсозии қонунгузорӣ ба шароити муосири иҷтимоӣ-иқтисодӣ мусоидат менамоянд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта**. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳо дар диссертатсия нишон медиҳанд, ки натиҷаҳои бадастомада тасодуфӣ набуда, бар пояи таҳқиқоти мукаммали назариявӣ, таҳлили меъёрӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ асос ёфтаанд. Асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот

дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо бар таҳлили амиқи осори олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ, назарияи воситаҳои маданӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқҳои субъективӣ, инчунин консепсияҳои «судҳои алтернативӣ» асос ёфтаанд. Дар раванди таҳқиқот меъёрҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавриди таҳлили системавӣ, мантиқӣ ва муқоисавӣ қарор гирифтаанд. Пешниҳодҳо бо дарназардошти сохтор ва принсипҳои умумии қонунгузории амалкунанда таҳия шудаанд. Асосҳои методологии ин таҳқиқотро усулҳои диалектикӣ, мантиқӣ, усули муқоисавӣ - ҳуқуқӣ, инчунин таҳлили низомноки ҷараёнҳои аҳаммияти ҳуқуқидошта ташкил медиҳанд. Истифодаи ин усулҳо имкон фароҳам овард, ки масъалаҳои асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар ҳуқуқи маданӣ объективона ва ба шароити Тоҷикистон мувофиқ таҳлил карда шаванд.

Дар таҳқиқот ҳамчун усулҳои умумии донишҳои илмӣ, усулҳои таҳқиқоти назариявӣ: таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия истифода шудаанд. Ҳамчун усулҳои махсуси таҳқиқоти ҳуқуқӣ, усулҳои зерин истифода шуданд: усули расмӣ-мантиқии шарҳи меъёрҳои ҳуқуқ, усули муқоисавии ҳуқуқӣ, инчунин усули моделсозии назариявӣ ва ҳуқуқӣ. Усулҳои зикргардида дар маҷмуъ имкон доданд, ки мавзуъ ҳамаҷониба, пурра ва объективона таҳқиқ гардида, роҳи ҳалли вазифаҳо муайян шаванд. Ин гуногунрангии методологӣ имконият додааст, ки масъала дақиқ баррасӣ гардад. Хулосаҳо дар асоси омӯзиш ва ҷамъбасти парвандаҳои судӣ, вобаста ба ташкил ва фаъолияти судҳои ҳакамӣ, бароварда шудаанд, ки ба натиҷаҳо хусусияти амалӣ мебахшад. Тавсияҳо бо дарназардошти шароити рушди иқтисоди бозорӣ, рақамикунонии муносибатҳои маданӣ ва зарурати ҳифзи ҳуқуқи иштирокчиёни муомилоти маданӣ таҳия гардидаанд. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар воқеӣ будани донишҳои пайдошуда, дар робитаи диалектикии он бо асарҳои муҳаққиқони соҳа, одоби илмии ҷойдошта ва инъикоси объективонаи механизми танзими ҳуқуқӣ-мадании ташкил ва фаъолияти судҳои маданӣ, таҳлили пурраи сарчашмаҳои илмию амалии соҳавӣ, татбиқи амалии натиҷаҳои он, инчунин мутобиқати диссертатсия ба талаботи муқарраршуда ифода мегардад. Ҳамин тавр, асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои диссертатсия дар истифодаи методологияи мукаммали илмӣ, таҳлили амиқи қонунгузорӣ ва амалияи судӣ, инчунин мутобиқати онҳо ба ниёзҳои муосири рушди муносибатҳои маданӣ ифода ёфтаанд. Ин омилҳо натиҷаҳои таҳқиқотро қобили татбиқ ва дорои аҳаммияти назариявию амалӣ мегардонанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот ва феҳрасти сарчашмаҳои истифодашуда иборат мебошад, ки бар мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии дисертатсия 174 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия мубрамияти мавзуъ, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот муайян карда шудаанд. Инчунин, асосҳои назариявӣ, методологӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқии таҳқиқот муайян шуда, заминаҳои эмпирикӣ нишон дода шудаанд.

Боби якуми диссертатсия – **«Мафҳум ва хусусиятҳои воситаҳои маданӣ - ҳуқуқии таъмини ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном гирифтааст. Боби мазкур фарогири ду зербоб буда, дар он мафҳум, хусусият ва таснифоти воситаҳои ҳуқуқи маданӣ ва воситаҳои ҳуқуқӣ - мадании таъмини ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ ва истифодаи он ҷиҳати ҳалли баҳсҳои ҳуқуқӣ ба таври пурра омӯхта шуда, махсусиятҳои масъалаҳои мазкур муайян гардидааст. Муаллиф зикр менамояд, ки агар таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ ва амалияи қонунгузор дар истифодаи воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ диспозитивӣ ҳангоми истифодаи воситаи ҳуқуқӣ диспозитивиятӣ роҳ диҳад, пас меъёрҳои дахлдор низ хосияти диспозитивӣ пайдо менамояд.

Дар умум, воситаҳои ҳуқуқӣ ва яке аз унсурҳои таркибии он, воситаҳои маданӣ-ҳуқуқии дар ҳуқуқи мадании муосир таҷассумёфтаро бинобар якчанд асос ба намудҳои мухталиф ҷудо мекунанд.

Зербоби якуми боби мазкур ба масъалаҳои – **«Мафҳум, моҳият, хусусият ва таснифоти воситаҳои маданӣ – ҳуқуқӣ»** бахшида шудааст. Воситаи маданӣ-ҳуқуқӣ ҳамчун унсури ҳуқуқие дониста мешавад, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оварда шуда, бо истифода аз он маҷмуи амалҳои аҳаммияти ҳуқуқӣ ва воқеъдошта танзим мегарданд. Бо ҳамин ҳадафҳои дар назди субъекти ҳуқуқи маданӣ (қабул ва ё пешниҳоди амвол, қабул ва пардохти воситаҳои пулӣ ва ғайра) қароргирифта ҳалли худро меёбанд.

Таҳлили воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ имкон медиҳад, робитаи мутақобилаи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва воситаҳои дар он таҷассумёфта дида баромада шавад. Аз як тараф, меъёрии ҳуқуқӣ хосият ва ченакҳои воситаи ҳуқуқиро муайян месозанд. Ба назари мо, ба ченакҳои номбурда инҳоро дохил кардан мумкин аст:

- ченак вобаста ба намуди воситаи ҳуқуқӣ ва мақсади истифода шудани он (воситаи номбурда бо кадом мақсад истифода мегардад);
- шахсоне, ки ин воситаи ҳуқуқиро мехоҳанд истифода баранд;
- тарзу усулҳои истифода намудани воситаи ҳуқуқӣ.

Аз тарафи дигар, бояд иброз намуд, ки воситаи ҳуқуқӣ ба хусусияти меъёрии ҳуқуқӣ як қадар таъсир мерасонад. Сухан дар бораи он меравад, ки бо мақсади ҳар чӣ қадар бештар самаранок будан, воситаи ҳуқуқӣ бояд чун акси маъмули муносибатҳои ҷамъиятии ташаккулёфта, нишондоди императивӣ ва диспозитивии он баромад намояд. Аз ин лиҳоз, бо воситаи истифодаи зарури императивии воситаи ҳуқуқӣ, масалан, бо мақсади ба муомилоти маданӣ мувозинат бахшидан, дар ҳолати ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ ва ғайра, меъёрҳои дахлдори маданӣ-ҳуқуқӣ хусусияти императивӣ низ пайдо мекунанд.

Зербоби дуюми боби якум ба масъалаи – **«Воситаҳои – маданӣ – ҳуқуқии таъмини ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективӣ»** бахшида

шудааст, зеро муаллиф зикр менамояд, ки ҳадафи истеҳсолоти суди ҳакамӣ баррасӣ ва ҳалли баҳсҳо оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ мебошад ва барои ҳамин чун истеҳсолоти даъвогӣ арзёбӣ мегардад. Ба ҳамин хотир, барои истеҳсолоти суди ҳакамӣ истилоҳҳои даъво, даъвогар, ҷавобгар, воситаи даъвогии ҳимояи ҳуқуқ хос буда, баррасии суди ҳакамӣ ба мурофиаи маданӣ наздик дониста мешавад.

Воситаҳои ҳуқуқии мазкурро вобаста ба давраҳои фаъолиятбарии шакли номбурдаи ҳимоя тақсимбандӣ кардан мумкин аст.

– аз ҷониби шахсони манфиатдор андешида шудани чораҳое, ки баҳри ташкили фаъолияти суди ҳакамӣ (якдафъаина ва ё доимӣ амалкунанда) равона мешавад;

– ташкил шудани ҳайати суди ҳакамӣ;

– баргузор шудани маҷлиси судӣ ва қабул гардидани санадҳои дахлдор дар он;

– ба иҷро расонидани қарор (ҳалномаи)-и қабулшудаи суди ҳакамӣ.

Албатта, давраи иҷрои ҳалномаи судии суди ҳакамӣ, бевосита ба шакли ҳимояи ҳакамӣ шартан дохил карда мешавад. Сухан дар бораи он меравад, ки иҷрои ҳалномаи суди ҳакамӣ чун фаъолияти мустақил нисбат ба мурофиаи маданӣ ва иқтисодӣ баромад мекунад. Далели бевоситаи гуфтаи боло он аст, ки иҷрои ҳалномаи суди ҳакамӣ аз рӯйи қоидаҳои қонунгузории махсус дар бораи судҳои ҳакамӣ амалӣ мегардад. Дар ҳолати мазкур, пеш аз ҳама, сухан дар бораи Қонуни ҶТ «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» аз 08.06.2022, № 1873 меравад.

Ба таври умум, тақсимбандии воситаҳои маданӣ-ҳуқуқии номбаршударо ҷонибдорӣ намуда, мехостем, онро пурратар намоем. Якум, на он қадар дуруст аст, намояндагиро танҳо ба воситаҳои қобилияи соҳибҳуқуқӣ мансуб донист, зеро он дар баъзе мавридҳо дар асоси шартнома ва ё аҳд ба миён меояд, яъне намояндагӣ ҳамчун воситаи омехтае, ки дар худ унсурҳои сохта ва қобилияти соҳибҳуқуқиро дорад, баромад мекунад. Дуюм, унсури шартномавӣ ва дигар унсурҳои сохтаро дуруст мешавад, агар ҳамчун унсури уҳдадоркунанда-ҳуқуқӣ номгузорӣ намоем, зеро дар вақти истифодаи он муносибатҳои мадании уҳдадоркунанда ба вуқуъ мепайванданд.

Боби дуюми диссертатсия – **«Масоили маданӣ - ҳуқуқии барасмиятдарории ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективӣ»** ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад.

Зербоби якуми боби дуюм – **«Масъалаҳои маданӣ – ҳуқуқии таносуби шахсони ҳуқуқӣ ва суди ҳакамӣ:»** ном дорад.

Муҳаққиқ қайд менамояд, ки истилоҳи «баҳс» дар забони тоҷикӣ бештар ба маънои гуфтушунид (мубоҳиса) оид ба масъалаи муайянро корбаст мешавад. Албатта, ин гуфтушуниди оддӣ ва танҳо барои муҳокима ҳам намебошад. Ин гуфтушунид оид ба чизе ё масъалае пайдо мешавад, ки нисбати онҳо байни тарафҳо ихтилоф мавҷуд аст, яъне тарафҳо оид ба ин ҳолат ё масъала ҳалли дуруст, одилона ва қонуниро ҷустуҷӯ менамоянд.

Ҳама гуна муносибатҳои субъектони ҳуқуқи маданӣ ва ё иқтисодӣ, ё ин ки низоъҳои дар ин муносибатҳо пайдошуда мураккаб ва серсоҳа буда, ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилоту созмонҳоро ташкил дода метавонанд. Ба доираи муносибатҳои соҳаи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодӣ муносибатҳо вобаста ба моликият (доштан, истифода бурдан ва ихтиёрдори намудани молу мулк, ба иҷора додан, фурӯхтан, ё тухфа кардани молу мулк), муносибатҳо вобаста ба маҳсулотсупорӣ, (контрактатсия), пудрат, ҳамлу нақл (боркашонӣ), қарз ва ғайра дохил мешаванд.

Пас, дар раванди баамалбарории муносибатҳои иқтисодӣ ва маданӣ, эҳтимол аст баҳсҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд омада, ҳалли дуруст ва одилонаю қонуниро тақозо намояд. Ҳангоми баррасӣ ва ҳалли дуруст, одилона ва қонунӣ баҳсҳои бамиёномада, муносибатҳои иқтисодӣ ва маданӣ тадриҷан устувор шуда, инкишоф ва пешрафти босуботи тарафҳоро заминаи устувор мегузоранд. Шароит фароҳам ҷиҳати нисбати қонун ва мақомоти ба амалбарорандаи адолати судӣ пайдо шудани эътимод пайдо мешавад. Вобаста ба ин, қайд кардан мумкин аст, ки кафолати ҳифзи ҳуқуқи тарафҳои иштирокчии баҳс, дар сари вақт ва одилона, дар чорчӯбаи қонун баррасӣ ва ҳал гардидани баҳси ҳуқуқӣ муайян карда мешавад.

Зербоби дуюми боби дуюм – **«Шаклҳои маданӣ – ҳуқуқи намудҳои ташкили суди ҳакамӣ»** ном гирифтааст.

Диссертант таъкид мекунад, ки ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ дар низоми воситаҳои муосири истифодашавандаи маданӣ-ҳуқуқӣ ва мурофиавӣ-ҳуқуқӣ таҷассум меёбад. Аз эҳтимол дур нест, ки бо истифода аз воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ, масъалаҳои бо таъмини ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ алоқамандбуда, ҳал гарданд:

1) масъала вобаста ба ташкил гардидан, пеш аз ҳама, ташкили суди ҳакамӣ ва доираи салоҳияти он;

2) мақсадҳои таъминсозии дигаре, ки ба фаъолияти ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои мадании субъективӣ алоқаманд мебошад (реҷаи мухторияти ирода, ҷудо намудани моликият ва ҷавобгарии мустақили молумулкӣ, ки барои муносибатҳои аз тарафи ҳуқуқи маданӣ танзимшаванда зарур мебошад, таъмин мегардад).

Истифодаи истилоҳи «тобеият» нисбати истеҳсолоти суди ҳакамӣ мушкил аст, чун ки судҳои ҳакамӣ дорои низоми хоси худ буда, нисбат ба судҳои салоҳияташон умумӣ ва ё судҳои иқтисодӣ, асоси ташкилгардии дигарро соҳибанд. Пас, ба фикри мо, истифодаи категорияи «тобеияти судӣ» мумкин аст, нисбати суди ҳакамӣ истифода шавад.

Доир ба масъалаи мазкур муаллифи диссертатсия мавқеи худро чунин иброз менамояд, ки салоҳияти судҳои ҳакамӣ бо соҳаи маданӣ-ҳуқуқии фаъолиятбарии ин судҳо ва воситаҳои мадании ҳуқуқии истифодашаванда алоқаманд мебошад. Дар таълимоти истеҳсолоти суди ҳакамӣ оид ба салоҳияти судҳои ҳакамӣ ва судҳои давлатӣ фикру ақидаи гуногун вуҷуд доранд. Масалан, ақидае вуҷуд дорад, ки судҳои ҳакамӣ бо

фаъолияти ба хизматрасонии муздноки ҳуқуқӣ монанд ва аз тарафи судҳои салоҳияти умумӣ ва судҳои иқтисодӣ назоратшаванда машғул мебошанд. Баробари ин, оддитарин эътироз оид ба баррасии парванда дар суди ҳакамӣ барои дар суди ҳакамӣ дида баромада шудани парванда монеа мегардад. Чунин мавқеъ як муддат дар таҷрибаи судӣ дастгирӣ шудааст, зеро ба раддияи яктарафаи созишномаи ҳакамӣ роҳ дода мешуд.

Боби сеюми диссертатсия – **«Механизми маданӣ – ҳуқуқии баамалбарории ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективӣ»** ном гирифтааст, ки аз ду зербоб иборат мебошад.

Зербоби якуми боби сеюм масъалаҳои – **«Ҳолати ҳуқуқии созишномаи ҳакамӣ мутобиқи қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон»**-ро фарогир мебошад.

Дар ҷомеаи муосир ашхоси алоҳида, иттиҳодия ва гурӯҳи онҳо дар муносибатҳои гуногуни байниҳамдигарӣ қарор дошта, кору фаъолияташонро пеш мебаранд. Муносибатҳои ишорашуда гуногун буда, ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, фаъолияти гурӯҳ ва ашхоси алоҳида дар самтҳои муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, муносибатҳои оилавӣ, меҳнатӣ ва ғайра бавуҷудомада тағйир ёфта, қатъ мегарданд.

Муносибатҳои мутақобила доимо дар ҳолати рушд қарор ёфта бошад ҳам, ҳолатҳои гуногуни ҳаётӣ ба он меоварад, ки муносибатҳои байни ашхоси алоҳида, иттиҳодияҳои онҳо, ташкилоту муассиса ва ҳатто давлатҳо, баъзан ихтилофу зиддиятҳое пайдо мекунанд, ки бояд мавриди муҳокима, баррасӣ ва ҳалли дуруст, одилонаю қонунӣ қарор дода шаванд.

Муносибатҳои иқтисодӣ ва маданӣ гуногунҷабҳа ва серсоҳа буда, ҷабҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятиро бо иштироки ашхоси алоҳида фаро мегиранд. Масалан, муносибат оид ба моликият (доштан, истифода бурдан ва ихтиёрдории молу мулк, ба иҷора додан, фурӯхтан ё тухфаи молу мулк), муносибат оид маҳсулотсупорӣ, (контрактатсия), пудрат, ҳамлу нақл (бapкашонӣ), қарз ва дигар номбар карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, бо назардошти дуҷонибагии муносибатҳои дар чараёни бастани созишномаи ҳакамӣ бавуҷудоянда, истифодаи меъёрҳои моддӣ-ҳуқуқӣ, дар мавриди муайян намудани табиати ҳуқуқии созишномаи ҳакамӣ, бештар дуруст арзёбӣ карда шуда, меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ бошанд, ба тариқи фаръӣ (субсидиарӣ) бо мақсади инъикос намудани фаъолияти мақомоти дахлдор бояд истифода карда шаванд.

Зербоби дуюми боби сеюм, масъалаҳои – **«Санадҳои суди ҳакамӣ ва хусусятҳои маданӣ – ҳуқуқии он »**-ро дар бар мегирад.

Суди ҳакамӣ ҳамчун мақоми баррасикунандаи парвандаи маданӣ ду намуди санади аҳаммияти маданӣ-ҳуқуқидоштаро қабул мекунад:

1) ҳамчун ташкилот суди ҳакамӣ санадҳои локалӣ қабул мекунад;

2) ҳамчун мақоми баамалбарорандаи адолати судӣ суди ҳакамӣ санадҳои судиро қабул мекунад.

Санадҳои ишорагардида ҳамчун воситаи ҳуқуқӣ аз тарафи суди ҳакамӣ барои ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии шахрвандон ва ашхоси ҳуқуқӣ равона карда мешаванд. Мазмун, мақсад, инчунин тартиби қабули санадҳои ишорашуда мисли воситаҳои маданӣ-ҳуқуқие баҳо дода мешаванд, ки барои

таъмини ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ нигаронида шудаанд. Илова бар ин, қарорҳои суди ҳакамӣ ҷабҳаи мурофиавӣ-ҳуқуқӣ дошта бошанд ҳам, ба андешаи мо, моҳияти маданӣ-ҳуқуқии вайро тағйир намедиҳанд. Ҳар ду ҳолати номбурда вобаста ба масъалаи ҳуқуқи татбиқшаванда танзими якхеларо дар назар доранд.

Ҳамин тариқ, ухдадории ахлоқии иҷрои ихтиёрии қарори суди ҳакамӣ ва ухдадории юридикии иҷрои санади дахлдор, ки бо механизми иҷрои маҷбурӣ таъмин мешавад, бояд фарқ карда шаванд.

Илова бар ин, мавриди қайд аст, ки ҳалномаи суди ҳакамӣ ба сифати санади ҳуқуқтатбиққунанда баромад намуда, барои тарафҳои баррасии судӣ маданӣ ҳамчун нишондоди хусусияти ҳатмидошта эътироф мешавад. Хулосаи мазкур моҳияти ҳуқуқии суди ҳакамиро нишон дода, суди ҳакамӣ мақоми ҳуқуқии дорои ваколатҳои ҳокимиятӣ ба ҳисоб меравад.

Дар хулоса пас аз омӯзиши паҳлуҳои назариявӣ ва амалии воситаҳои маданӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқҳои субъективӣ, хулосаҳои илмӣ, пешниҳодҳо ва тавсияҳо манзур карда шудаанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки тавсияву пешниҳодоти дар он овардашударо барои такмили минбаъдаи механизми танзими ҳуқуқии воситаҳои маданӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқҳои субъективӣ истифода бурдан мумкин аст. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои донишҷӯён, магистрон, докторони PHD ва аспирантҳо ҳангоми навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳо ва мақолаҳои илмӣ оид ба ин мавзуъ муфид бошанд, пешниҳодҳо ва асосҳои дар таҳқиқот баёнгардида метавонанд дар амалияи судӣ, ҳангоми ҳалли баҳсҳои мушаххас оид ба тартиби пешниҳоди баҳсҳои ҳуқуқӣ ба суди ҳакамӣ ва оқибатҳои баррасӣ ва ҳалли он ба назар гирифта шаванд.

Хулосаҳое, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳия шудаанд, метавонанд барои такмил додани меъёрҳои қонунгузории маданӣ, ки ба фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонанд, истифода шаванд.

***Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ***. Марбут ба нуктаҳои асосии диссертатсия доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 13 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента ҶТ ва 8 мақола дар нашриёҳои дигар ба табъ расонидааст.

**[1-М].** Шукуров, Ф.М. Оид ба хусусиятҳои ташкилшавии суди ҳакамӣ [Матн] / Ф.М. Шукуров // Қонунгузорӣ. – 2021. – № 4(44). – С. 56-61; ISSN 24-2903;

**[2-М].** Шукуров, Ф.М. Баъзе масъалаҳои мафҳум ва табиати ҳуқуқии судҳои ҳакамӣ [Матн] / Ф.М. Шукуров // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2021.– №3(88). – С. 132-139; ISSN2411-1945

**[3-М].** Шукуров, Ф.М. Назаре ба масъалаи салоҳияти суди ҳакамӣ [Матн] / Ф.М. Шукуров // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2022. – № 4(44). – С.132-139; ISSN2411-1945;

**[4-М]**. Шукуров, Ф.М. Баъзе масъалаҳои гражданӣ-ҳуқуқии созишномаҳои ҳакамӣ: назария ва амалия [Матн] / Ф.М. Шукуров // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – № 1(29). – С. 180-189; ISSN 24149217;

**[5-М]**. Шукуров, Ф.М., Назаре ба масъалаи беэътибории созишномаи ҳакамӣ [Матн] / Ф.М. Шукуров, М.Н. Раҷабзода // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2024. – 2(99). – С. 32-38; ISSN 3005-8023.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

**[6-М]**. Шукуров, Ф.М. Таснифи шартнома дар ҳуқуқи гражданӣ [Матн] / Ф.М. Шукуров // Конференсияи ҷумҳуриявии устодон ва донишҷӯёни ДДҲБСТ таҳти унвони «Илм ва инноватсия дар низоми татбиқи ҳадафҳои стратегии миллӣ», ки ба 30-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. – Хуҷанд: Дабир, 2021. – С. 156-161.

**[7-М]**. Шукуров, Ф.М. Оид ба салоҳияти суди ҳакамӣ [Матн] / Ф.М. Шукуров // Конференсияи илмӣ – амалии профессорон, омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавони ДДҲБСТ бахшида ба эълон гаштани солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат» ва Рӯзи илми тоҷик (21-25 апрели соли 2022). Бахши ҳуқуқшиносӣ II. – С. 75 - 80.

**[8-М]**. Шукуров, Ф.М. К вопросу компетенции третейского суда [Матн] / Ф.М. Шукуров // Международная конфереция, посвященная памяти Абубакирова А. «Аубакировские чтения» – *Алмата*, 2025. – С. 195-197.

**[9-М]**. Шукуров, Ф.М. Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули судҳои ҳакамӣ [Матн] / Ф.М. Шукуров // Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи “Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – заминаи устувори ташаккули маърифати ҳуқуқӣ ва эъмори давлати ҳуқуқбунёд”. – Хуҷанд: Дабир, 2024. – С. 307-316.

**[10-М]**. Шукуров, Ф.М. Назаре ба масъалаи воситаҳои ҳуқуқи мадании ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии маданӣ [Матн] / Ф.М. Шукуров // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Ҷавонон ва рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол // Хуҷанд: 2024. – С. 191-196.

**[11-М]**. Шукуров, Ф.М. Танзими ҳуқуқии салоҳияти судҳои ҳакамӣ [Матн] / Ф.М. Шукуров // Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи “Аҳамияти маърифати ҳуқуқӣ дар ҷомеаи муосир” // Хуҷанд. 2025. – С. 229-233.

**[12-М]**. Шукуров, Ф.М. Баъзе масъалаҳои салоҳияти судҳои ҳакамӣ дар замони муосир [Матн] / Ф.М. Шукуров // Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ таҳти унвони “Рушди устувор дар соҳаҳои иқтисодиёт, суботи иҷтимоӣ, мувозинати экологӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон” аз 23 апрели соли 2025. – Хуҷанд: Дабир, 2025 – С. 156-160.

**[13-М]**. Шукуров, Ф.М. Баъзе масъалаҳои фаъолияти суди ҳаками [Матн] / Ф.М. Шукуров / Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии ДДҲБСТ таҳти унвони “Иттилоотонии қонунгузории Ҷумҳурии

Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ” бахшида ба солҳои рушди иқтисодиёти рақамӣ ва инноватсионӣ, 1 ноябри соли 2025. – Хуҷанд: 2025. – С.232-237.

Хулоса, натиҷа ва нуктаҳои асосии дар рисола дарҷгардида дар мақолаҳои илмии нашр намудаи диссертант инъикос ёфтаанд. Оид ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф дар семинарҳо, конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ бо маърузаҳо баромад намудааст, аз ҷумла муаллиф дар даҳ конференсияи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқот маърузаҳо намудааст, ки дар умум мазмун ва моҳияти таҳқиқот инъикос ёфтааст.

**Теъдоди маводи нашр** ва маърузаҳо дар конференсияҳо ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Таҳқиқоти диссертатсионии Шукурзода Фарҳодҷон Манон ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Саҳми муаллифи диссертатсия** дар он ифода меёбад, ки диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ - амалӣ, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Автореферати диссертатсия фишурдаи диссертатсия буда, мазмун ва моҳияти онро пурра ифода менамояд.

**Эродҳо ба мазмуни диссертатсия**. Ба баҳои мусбии мазмун ва моҳияти диссертатсия нигоҳ накарда, бояд ба баъзе аз масъалаҳои баҳсноки он таваҷҷуҳ зоҳир намуд, аз ҷумла:

1. Муаллиф дар банди 3 нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда қайд менамояд, ки: «Созишномаи ҳакамӣ ҳамчун шартномаи хусусияти ташкилӣ баҳогузори гардида, тибқи он иштирокчиён ва хосатан шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ нисбат ба ҳадафи пешгузоштаи ҳуқуқӣ-маданӣ дар асос ва талаботи қонунгузории амалкунанда дар ҷодаи фаъолияти судҳои ҳакамӣ, алалхусус муқаррароти Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» аз 5.01.2008, №344 муайяншуда амал намояд.

Асоснок карда мешавад, ки ба расмият даровардани созишномаи ҳакамӣ бо воситаи баимзорасонии он, танҳо бо амали воситаи маданӣ-ҳуқуқӣ вобаста буда, иҷрои минбаъдаи он бо амалигардонии ду намуди воситаҳои ҳуқуқии бо ҳам алоқаманд – воситаҳои маданӣ - ҳуқуқӣ ва мурофиавӣ - ҳуқуқӣ тақозо карда мешавад». Ин хулосабарории муаллиф қобили дастгирист, аммо роҳҳои амалишавии он нишон дода нашудааст. Оё созишномаи ҳакамӣ ҳамчун воситаи маданӣ ҳуқуқӣ дар як вақт воситаи мурофиавӣ – ҳуқуқӣ ҳам буда метавонад?

2. Муаллиф дар диссертатсия ишора намудааст, ки «Пеш аз ҳама Конститутсия низоми судии кишвар якчанд намуди судҳоро пешбинӣ кардааст. Аз ҷумла, низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон Суди конститутсионӣ, судҳои салоҳияти умумӣ - Суди Олӣ, судҳои вилоятӣ, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳо; судҳои ҳарбӣ - судҳои гарнизонҳои ҳарбӣ (шаҳри Душанбе, вилоятҳои Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Суғд, Хатлон) ва Коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон; судҳои иқтисодӣ - Суди Олии иқтисодӣ, судҳои иқтисодии вилоятҳо ва шаҳри Душанберо дар бар мегирад». Пас чаро дар ин низом судҳои ҳакамӣ номбар нагардиданд. Хуб мешуд ҳангоми ҳимоя ба ин масъала равшанӣ андохта шавад.

3. Дар банди 2 тавсияҳое, ки дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқоти таҳия карда шудаанд, пешниҳод мегардад, ки «имконияти ташкил намудани намояндагӣ ва филиали суди ҳакамии доимоамалкунандаро низ дар доираи воситаи маданӣ-ҳуқуқӣ қайд кардан мувофиқи мақсад аст. Ба андешаи мо, дар қонун дар бораи судҳои ҳакамӣ пешбинӣ нашудани имконияти таъсис додани намояндагӣ ва филиал ҳамчун нуқсони қонун арзёбӣ шуда, барои ҳамин бо мақсади беҳтар намудани фаъолияти судҳои ҳакамии доимоамалкунанда, хуб мешуд, агар дар қонун имконияти аз тарафи шахсони ҳуқуқие, ки дар назди онҳо суди ҳакамӣ таъсис ёфтаанд, намояндагӣ ва ё филиал пешбинӣ ва ташкил карда шавад». Аммо ба андешаи мо, паҳлуҳои назариявӣ ва амалии ин пешниҳодро диссертант то ба охир таҳлил накардааст, зеро тартиб ва оқибати таъсис дода шудани филиал ва намояндагиҳои судҳои ҳакамӣ бо кадом тарз амалӣ карда мешавад?

Эродҳои зиргардида ба аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот таъсири ҷиддӣ намерасонанд, балки баръакс, самтҳои минбаъдаи рушди илмиро муайян менамоянд. Онҳо нишон медиҳанд, ки масъалаи танзими фаъолияти судҳои ҳакамӣ падидаи мураккаб ва бисёрҷанба буда, таҳқиқоти минбаъдаро талаб мекунад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**. Мазмуни диссертатсия шаҳодати кофӣ будани пуррагии баёни мазмун ва навгонии илмӣ доштани онро медиҳад. Муаллиф аз натиҷагириҳо хулосаҳои худро ифода намудааст, ки онҳо метавонад барои рушди илми муосири ҳуқуқи мадании Тоҷикистон саҳми сазовори худро гузоранд. Умуман, диссертатсияи Шукурзода Фарҳодҷон Манон дар мавзуи «Асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, кори илмӣ-тахассусие мебошад, ки барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ аҳаммият дошта, дар он роҳи ҳал ва коркарди нави илман асоснокшудаи муносибатҳои ҳуқуқӣ таҳқиқ шудаанд, ки барои рушди илмҳои ҳуқуқшиносии кишвар аҳаммияти муҳим доранд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии диссертатсия барои илми ҳуқуқшиносӣ навгонӣ буда, сахми шахсии муаллифи диссертатсияро дар илм нишон медиҳанд. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Дар маҷмуъ, бояд қайд намуд, ки диссертатсияи Шукурзода Фарҳодҷон Манон дар мавзуи «Асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти илмии мустақилона анҷомёфта буда, дар он натиҷаҳои нави илман асоснок ба даст омадаанд ва масъалаҳои мубрами илмиро ҳал намудааст. Муаллифи диссертатсия Шукурзода Фарҳодҷон Манон бошад, барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ сазовор мебошад.

Бояд иброз дошт, ки тақризи мазкур бо назардошти банди 71 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267, тасдиқ шудааст, омода ва пешниҳод гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:**
муовини директори Институти давлат ва ҳуқуқи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид
ба корҳои илмӣ ва таълимӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Сангинзода Д.Ш.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734060, н.Варзоб, Ҷамоати деҳоти Варзоб-Қалъа, деҳаи Ғажне, хонаи №60

Имзои “Сангинзода Д.Ш.”-ро тасдиқ мекунам
Нозири калони шуъбаи кадри Институти
давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон Давлатмуродзода Б. Д.

НОЗИРИ КАДРҲО PERSONNEL OFFICER

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 19.
Тел./ fax 8(992)37 221-65-72; 221-65-85
Почтаи электронӣ: idh@amit.tj
Сомонаи интернетӣ: www. idhamit.tj

26. 05. 2026.